«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, генерал-майори милитсия

_____________ Насуриён П.А.
«08» 06 2026

ХУЛОСАИ
АКАДЕМИЯИ ВКД ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дар кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Сулаймонзода Рустами Неъматуло унвонҷӯи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Сулаймонзода Рустами Неъматуло соли 2013 ба шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо ихтисоси ҳуқуқшиносии умумӣ дохил шуда, онро соли 2018 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Аз 03 октябри соли 2019 ба мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор қабул гардида, саравval дар вазифаи корманд-мутахассиси калони китобхонаи умумии шуъбаи таълими Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз 20 марти соли 2020 то 17 декабри соли 2020 дар вазифаи сардори кабинети кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2, аз 17 декабри соли 2020 то 03 сентябри соли 2021 дар вазифаи муаллими кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2, аз 03 сентябри соли 2021 то ин ҷониб дар вазифаи муаллими калони кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон кор ва фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми апрели соли 2025, № 312 ба ҳайси унвонҷӯи

шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, таҳсил менамуд.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2025, №7 тасдиқ карда шудааст.

Роҳбари илмӣ – Ямакова Зумрад Дадаҷановна, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти судӣ-экспертии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 18 майи соли 2026, №3 аз ҷониби Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар ҷаласаи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 06-уми июни соли 2026, №10 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия гардидааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, дар кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон омода шудааст.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар мавзуи илмии кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурнамои ворид намудани институтҳои алоҳида ба мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2025-2026», ба роҳ монда шудааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқотро 9 адад таълифоти илмии муаллиф, ки маҳз дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошанд, ташкил менамояд. Аз ин шумора, 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд ва ҷузъиёти алоҳидаи масъалаи таҳқиқотии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи нашргардида ба банди 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки фикру андешаҳо, хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои илмии дар ҷараёни тадқиқот ба дастомада метавонад ҳамчун заминаи боэътимоди методологӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ хизмат намоянд. Онҳо имконият фароҳам меоранд, ки масъалаҳои мубрами марбут ба тафтиши ҷиноятҳо ҳамаҷониба бо истифода аз равишҳои муосири имлӣ мавриди омӯзиш қарор гиранд. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастомада метавонанд ба такмили асосҳои назариявии криминалистика ва рушди консепсияҳои нави илмӣ дар самти истифодаи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо мусоидат намоянд.

Инчунин, хулоса ва таклифҳои муаллиф, ки ба фаъолияти касбӣ алоқаманд буда, дар диссертатсия пешбинӣ гардидаанд, метавонанд ҳангоми тадриси фанҳои таълимии криминалистика, мурофиаи ҷиноятӣ ва таҳқиқ васеъ истифода гардида, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва амалии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегардад.** Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, масъалаи саривақтӣ ва муҳимми илмӣ маҳсуб ёфта, барои рушди илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Саҳми шахсии муаллиф пеш аз ҳама дар иштироки бевосита ва мустақими ӯ дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқоти илмӣ ифода меёбад.

Муаллиф мустақилона масъалагузории илмиро муайян намуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро таҳия кардааст, заминаи назариявӣ ва методологии онро асоснок гардонида, таҳлилу баррасии сарчашмаҳои илмӣ ва амалиро анҷом додааст.

Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллиф хулосаҳои нав ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди минбаъдаи илмӣ ва амалии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии кишвар, аҳаммияти назаррас доранд.

Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 то дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1–А].** Сулаймонзода, Р.Н. Оптимизация тактических приемов разрешения конфликтных ситуаций в ходе расследования [Текст] / Р.Н. Сулаймонзода // Законодательство. – 2026. – №1 (60). – С. 216-225. ISSN 2410-2903.

**[2–М].** Ямоқова, З.Д., Сулаймонзода, Р.Н. Мафҳум ва моҳияти усули тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноят [Матн] / З.Д. Ямоқова, Р.Н. Сулаймонзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – 2026. – №4. – С. 315-321. ISSN 2413-5151.

**[3–М].** Сулаймонзода, Р.Н. Асосҳои методологии истифодаи усулҳои тактикӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо [Матн] / Р.Н. Сулаймонзода // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ – 2026. – №5. – С. 345-351. ISSN 2413-5151.

**[4–А].** Сулаймонзода, Р.Н. Классификация тактического приема: теоретические и правовые вопросы [Текст] / Р.Н. Сулаймонзода // Законодательство. – 2026. – №2 (62). – С. 401-410. ISSN 2410-2903.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[5–А].** Сулаймонзода, Р.Н. Теоретико-прикладные основы криминалистической тактики осмотра места происшествия [Матн] / Р.Н. Сулаймонзода // Дастовардҳо, мушкилот ва дурнамои инкишофи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмуаи маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 03 декабри с. 2025 / Зери таҳр. н.и.ҳ., дотсент П.А. Насуриён, д.и.ҳ., дотсент Р.Р. Раҳмадҷонзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С. 121-129.

**[6–М].** Сулаймонзода, Р.Н. Тактикаи пурсиши гумонбаршуда ва айбдоршаванда: масъалаҳои қонунгузорӣ ва назария [Матн] / Р.Н. Сулаймонзода // Маводди VIII-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба Рӯзи ҳуқуқи инсон // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент Насуриён П.А., д.и.ҳ., дотсент Раҳмадҷонзода Р.Р. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2026. – С. 280-290.

**[7–А].** Сулаймонзода, Р.Н. Соотношение тактических и тактико-технических приемов в системе ключевых понятий криминалистической тактики [Текст] / Р.Н. Сулаймонзода // Материалы 10-ой международной научно-практической конференции на тему «Научные тренды и тренды в контексте глобализации». – Умео, Швеция, 2026. – С. 95-104.

**[8–А].** Сулаймонзода, Р.Н. Законность тактических приемов в системе критериев их допустимости [Текст] / Р.Н. Сулаймонзода // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Аубакировские чтения» (12-ежегодные чтения). – Алматы, Республика Казахстан, 2026. – С. 141-47.

**[9–А].** Сулаймонзода, Р.Н. Критерии допустимости использования тактического приема: теоретико-правовые вопросы [Текст] / Р.Н. Сулаймонзода // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Актуальные проблемы предварительного расследования. – Волгоград, 2026. – С.83-92

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, кори анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 14 нафар, аз ҷумла, 1 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 7 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 1 нафар профессори кафедра, 1 нафар дотсенти кафедра, 4 нафар муаллими калони кафедра.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - 0 нафар, «бетараф» - 0 нафар. Протоколи №10 аз 06-уми июни соли 2026.

Раиси ҷаласа:
Сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети
№ 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., полковники милитсия Тоҳирзода О.Т.

Котиби ҷаласа:
Муаллими кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети
№ 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н.и.ҳ., полковники милитсия Одиназода Н.С.

Имзои Тоҳирзода О.Т. ва Одиназода Н.С.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.
«08» 06 соли 2026

Суроға: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. М. Мастонгулов, 3, тел: +(992 37) 226-60-42, факс: +(992 37) 226-60-43, Веб.сайт – www.avkd.tj, e-mail: academia@vkd.tj